**ХУЛОСАИ**
**шурои диссертатсионии 6D.КОА-032 назди МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино»-и**
барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои тиббӣ (*қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023, № 295)*

Парвандаи аттестатсионии № ______________
Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 28 июни соли 2025, № 12

Барои сазовор донистани Ғуломзода Бобоҷон Зариф, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои тиббӣ. Диссертатсияи «Баҳодиҳии муқоисавии паҳншавӣ ва хусусиятҳои минтақавии омилҳои хавфи инкишофи бемории сил дар манбаъҳои сирояти силии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон» аз рӯйи ихтисоси 14.02.02 – Вогиршиносӣ ба ҳимоя 19.04.2025 қабул карда шуд, протоколи №9 шурои диссертатсионии 6D.КОА-032 назди МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино» (734026, ш. Душанбе, кӯчаи Сино 29-31), ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон №241/шд аз 30.06. с.2025 (дар бораи ворид намудани тағиру илова дар ҳайати шурои диссертатсионӣ) тасдиқ гардидааст ва қабул карда шудааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Ғуломзода Бобоҷон Зариф соли 1975 санаи таваллуд, факултаи тиббии МДТ "ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино"-ро дар соли 1998 хатм намуда, дар соли 2008 аз курси тахассусгирии аввалияи духтури вогиршинос давоми ду сол дар заминаи МДТ "Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон" омузиш кардааст. Дар вазифаи Директори Маркази назорати давлатии санитарию эпидемиологии ноҳияи Данғара кор карда истодааст.

Диссертатсия дар МД «Пажуҳишгоҳи тибби профилактикии Тоҷикистон»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро шудааст.

Роҳбари илмӣ – доктори илмҳои тиббӣ, профессор Бобохоҷаев Октам Икромович, мудири кафедраи фтизиопулмонологияи МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино».

Муқарризони расмӣ:

- Одинаев Ниёз Сафарович – доктори илмҳои тиббӣ, профессори кафедраи вогиршиносӣ ва бемориҳои сироятии "Донишгоҳи миллии Тоҷикистон".
- Солиев Алиҷон Азимҷонович - номзади илмҳои тиббӣ, муовини директори Муассисаи давлатии "Маркази ҷумҳуриявии пешгирӣ ва мубориза бар зидди бемории ВНМО" ба диссертатсия тақризи мусбат доданд.

Муассисаи пешбар – МДТ "Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон", ш. Душанбе.

Дар хулосаи мусбати додашудаи муассиса, ки аз тарафи муқарриз имзо шудааст, Мирзоев Аъзамҷон Сафолович, номзади илмҳои тиббӣ, дотсент, мудири кафедраи эпидемиология, беҳдошт ва ҳифзи муҳити зист бо курси микробиология ва вирусологияи МДТ «ДТБКСТ ҶТ», қайд шуд, ки Ғуломзода Бобоҷон Зариф довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ 9 интишори илмӣ, аз ҷумла оид ба мавзуи диссертатсия 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшаванда чопшуда дорад, ҳаҷми умумии 1,7 саҳифаи чопӣ, саҳми муаллиф – 70% мебошад.

Асарҳои муҳимтарин дар мавзӯи рисола:

1. Гуломзода, Б.З. Тенденции основных эпидемиологических показателей и факторов риска развития туберкулёза в разных странах мира и в Таджикистане [Текст] / Б.З. Гуломзода // Симург. - 2023. - №20(4). – С. 175-181.
2. Гуломзода, Б.З. К вопросу о вовлечённости службы государственного санитарно-эпидемиологического надзора в работу в очагах туберкулёзной инфекции на примере районов Кулябской зоны Хатлонской области [Текст] / Б.З. Гуломзода, С.Н. Саидова, С.Дж. Пулатова // Наука и инновации. – 2024. - №2. – С. 55-60.
3. Ғуломзода, Б.З. Самаранокии корҳои пешгирӣ дар манбаъҳои эпидемикии бемории сил дар шаҳру ноҳияҳои минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон ва роҳҳои мукаммалсозии онҳо [Матн] / О.И. Бобохоҷаев, Б.З. Ғуломзода, С.Н. Саидова // Авҷи Зуҳал. - 2024. - №2(55). – С. 94-97.
4. Гуломзода, Б.З. К вопросу организации активного скрининга туберкулёза с учётом ключевых и индивидуальных уязвимостей [Текст] / О.И. Бобоходжаев, С.Н. Саидова, Н.Н. Абдуллоев, Б.З. Гуломзода, Ё.Ф. Расулов, С.Г. Шукуров // Здравоохранение Таджикистана. – 2024. - №4(363). - С. 18-21.
5. Ғуломзода, Б.З. Таҳлили муқоисавии дараҷаи гирифторшавӣ ба бемории сил дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми солҳои 2018-2023 [Матн] / Б.З. Ғуломзода, Ҷ.М. Юсуфҷонова, Ё.Ф. Расулов, У. Нуруллозода, С.Г. Шукуров // Авҷи Зуҳал. - 2025. - №1(58). – С. 19-25.

Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шуданд:

- Насриддинов Акаҷон Асалович - номзади илмҳои тиббӣ, мудири кафедраи беҳдошт ва эпидемиологияи МДТ "Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон" – эрод нест;
- Мирзоалиев Юнусҷон Юсуфалиевич - номзади илмҳои тиббӣ, таҳлилгар оид ба омодагӣ ва эътино ба ҳолатҳои фавқуллода дар соҳаи тандурустии ҷамъиятӣ дар шӯъбаи таҳлили тандурустии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон – эрод нест;
- Юсупҷонова Ҷема Махаматҷоновна - номзади илмҳои тиббӣ, табиби силшиноси Муассисаи давлатии "Маркази ҳимояи аҳолӣ аз бемории сил"-и, ш. Душанбе - эрод нест.

Дар шарҳҳо аҳамияти мавзӯъ, навоварии илмӣ ва аҳамияти амалии таҳқиқоти гузаронидашуда қайд карда шудааст. Инчунин зикр мегардад, ки кори диссертатсионии Ғуломзода Furomзода Бобоҷон Зариф дар мавзӯи «Баҳодиҳии муқоисавии паҳншавӣ ва хусусиятҳои минтақавии омилҳои хавфи инкишофи бемории сил дар манбаъҳои сирояти силии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон» таҳқиқоти анҷомёфта, амалан муҳим буда, ба ихтисоси 14.02.02 – Вогиршиносӣ мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои тиббӣ мебошад.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи такриздиҳанда асоснок карда мешаванд, ки онҳо бо дастовардҳои худ дар соҳаи вогиршиносӣ, корҳои илмӣ дар ин самт маъруфанд ва дар ин мавзӯъ нашрияҳои илмӣ доранд ва онҳо метавонанд ба кори рисолаи диссертатсионӣ аз рӯйи муҳимият, аҳамияти назариявӣ ва арзиши амалиаш баҳои холисона диҳанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад**, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:

**Коркард карда шуд** дараҷаи гирифторшавӣ ба бемории сил дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон ва фарқияти дараҷаи гирифторшавӣ ба бемории сил дар дигар минтақаҳои мамлакатро **ошкор менамояд**;

дар асоси он усули баланд бардоштани самаранокии назорат кардани иртиботҳо бо роҳи ҷалбкунии мутахассисони хадамоти назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ **пешниҳод шудааст**;

омилҳои асосии хатар, хусусиятҳои инкишоф ва саривақтӣ будани дараҷаи верификатсияи шаклҳои гуногуни беморони сил дар манбаъҳои сирояти бемории сили ноҳияҳои минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон **исбот шудааст**;

**ҷорӣ намуданӣ** дар амалия маҷмуи чораҳои пешгирии инкишофи бемории сил дар ноҳияҳои минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон коркард карда шудааст.

**Аҳамияти назариявии тадқиқот бо он асоснок карда шудааст,** ки:
исбот намудани омилҳои асосии хатар, хусусиятҳои инкишоф ва саривақтӣ будани дараҷаи верификатсияи шаклҳои гуногуни беморони сил дар манбаъҳои сирояти бемории сили ноҳияҳои минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон муайян карда шудааст.

Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта самаранок, яъне бо дарёфти натиҷаҳое, ки нишондодҳои навгонӣ доранд, маҷмуи методҳои бунёдии таҳқиқи мавҷударо истифода барданд;

**баён шудани** далели бо муоина фарогирӣ ва химиопрофилактикаи беморони иртиботдошта дар манбаъҳои бемории сили минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон;

**ошкор гардидани** омилҳои нави асосии хатар, хусусиятҳои инкишоф ва саривақтӣ будани дараҷаи верификатсияи шаклҳои гуногуни беморони сил дар манбаъҳои сирояти бемории сили ноҳияҳои минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон;

**омӯхта шуданд** робитаи самаранокии истифодаи омилҳои хавфи гирифторшавӣ ба бемории сил дар ноҳияҳои минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон бо маҷмуи чораҳои пешгирии инкишофи бемории сил дар ноҳияҳои минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон;

**аз нав такмил додани** тартиби ҳамкорӣ байни хадамотҳои соҳаи тандурустӣ тариқи таҳияи Дастурамали методӣ “Оиди ҳамкорӣ байни хадамоти назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ дар якҷоягӣ бо хадамоти зиддисилӣ ва КАТС дар манбаъҳои сирояти силӣ”, ки аз ҷониби Шурои табъу нашри Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 ноябри соли 2024, протоколи №2 тасдиқ ва барои чоп тавсия шудааст.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия,** чунин тасдиқ карда мешаванд, ки:

коркард ва ҷорӣ карда шудаанд тавсияҳои илмии асоснок оиди ҳамкорӣ байни Хадамоти назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ дар якҷоягӣ бо хадамоти зиддисилӣ ва КАТС дар манбаъҳои сирояти силӣ;

**муайян карда шуданд** омилҳои асосии хатар, хусусиятҳои инкишоф ва саривақтӣ будани дараҷаи верификатсияи шаклҳои гуногуни беморони сил дар манбаъҳои сирояти бемории сили ноҳияҳои минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон;

**офарида шуд** дараҷаи бо муоина фарогирӣ ва химиопрофилактикаи беморони иртиботдошта дар манбаъҳои бемории сили минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон;

**муаррифи карда шуд** омилҳои асосии хатар, хусусиятҳои инкишоф ва саривақтӣ будани дараҷаи верификатсияи шаклҳои гуногуни беморони сил дар манбаъҳои сирояти бемории сили ноҳияҳои минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон;

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ** нишон доданд, ки:

Барои корҳои таҷибавӣ маълумоти адабиёти санҷидашуда асос ёфтааст ва бо корҳои нашршудаи дигар муҳаққиқон мувофиқат мекунад ва инчунин ҳуччатҳои расмии ҷамъоварӣ шудаанд, андозагузориҳо асоснок карда шуданд, натиҷаҳои мусбати бадастомадаи таҳқиқ ва дар шароити гуногун оварда шудаанд;

Назария дар асосҳои далелноки санҷидашуда сохта шудааст, ҳамчунин дар ҳодисаҳои интиҳоӣ, бо далелҳои интишоршудаи мавзуи диссертатсия муҷовир ҳамоҳанг мешавад;

**ғоя асоснок шудааст** таҳлил, ба кайд гирифтан ва истифода бурдани маълумотхои омории гирифторшавӣ ба бемори сил.

**истифода шудаанд** маълумотҳои гирифташудаи адабиётҳои муқоисавии муҳаққиқони мамлакатҳои дур ва наздик мувофиқи мавзӯъ;

**муайян шудаанд** усулҳои муосири ҷамъоварӣ ва коркарди иттилоот, микдори кофии маводи клиникӣ ва давраҳои мушоҳидаи дуруст интихобшуда, ки аз ҳадафҳои тадкиқоти диссертатсия бармеоянд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ:** аз иштироки ӯ дар тамоми марҳилаҳои раванди таҳқиқот иборат аст: таҳияи тарҳрезӣ, банақшагирӣ, ҷамъоварии маълумот, коркарди омории маълумоти гирифташуда ва тафсири натиҷаҳо, омода намудани нашрияҳои илмӣ, гузоришҳо ва ҳалли техникии ин мавзӯъ.

Дар маҷлиси аз 28 июни соли 2025 шурои диссертатсионӣ қарори сазовор донистани Ғуломзода Бобоҷон Зариф бо дараҷаи илмии номзади илмҳои тиббӣ.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои дисертатсионӣ 15 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм 4 нафар. Аз 15 нафар иштирокдоштагон дар маҷлис, ки ба шуро шомил буданд, овоз доданд: тарафдор – 15, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои тиб, профессор — Раҳманов Э.Р.

Котиби илмии шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои тиб — Усмонӣ Г.М.

«28» июн соли 2025

МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино» * ГОУ «Таджикский государственный медицинский университет имени Абуали ибни Сино» * Рушди кадрӣ / Управление развития кадров

имзои/подпись Раҳмонов Э.Р.
Усмонӣ Г.М-ро
ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ/ЗАВЕРЯЮ
САРДОРИ БАХШИ КАДРИИ РРК/
НАЧАЛЬНИК ОТДЕЛА КАДРОВ УРК
«28» 06 2025 с/г